# РАИСИ
# КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ
# НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «09» 01 соли 2020 №03 шаҳри Душанбе

Дар бораи гузаронидани аксияи «Тозагии маҳал»

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии муҳити зист сазовор пешвоз гирифтани ҷашнҳои давлати, таъмини иҷрои талаботи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 № 280 «Дар бораи тасдиқи Тартиб ва шароити нигоҳдошти ҳудудҳои маҳаллаҳои аҳолинишин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 2 ноябри соли 2012 № 626 «Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз моҳи март то декабри соли 2020, ҳар моҳ як маротиба, рӯзҳои шанбе аксияи «Тозагии маҳал» ҷиҳати тоза намудани ҳудуди маҳаллаҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва роҳҳо аз партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ бо ҷалби васеи кормандон ва аҳолӣ гузаронида шавад.

2. Раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зисти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки барои гузаронидани аксияи «Тозагии маҳал» нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ то 1 марти соли 2020 ба Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партовҳои Кумита пешниҳод намоянд.

3. Аз рафти гузаронидани аксияи «Тозагии маҳал» тавасути радио ва телевизиони ҷумҳуриявӣ ва маҳалӣ барномаҳо омода ва пахш карда шавад, инчунин дар сомонаи интернетии Кумита дар бораи онҳо маводҳо ҷойгир карда шаванд.

4. Бахшида ба иди байналмиллалии Навруз, рӯзи байналмиллалии ҳифзи муҳити зист (5 июн), ҷашни 23 солагии Ваҳдати миллӣ ва Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябр) озмуни «Маҳаллаи беҳтарин» эълон намуда, ғолибони он бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шаванд.

5. Раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зисти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз натиҷаи корҳои иҷрошуда охири ҳар моҳ ба Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партовҳои Кумита маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

6. Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партовҳои Кумита вазифадор карда шавад, ки рафти гузаронидани аксияҳоро таҳти назорати қатъӣ гирифта, аз натиҷаи он охири ҳар семоҳа ба Раиси Кумита маълумот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони Раиси Кумита гузошта шавад.

Раис Д. Гулмаҳмадзода